**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссерататсияи Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ яке аз омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ва ноил гардидан ба ҳадафи рушди босуръати саноат дар мамлакат мебошад. Ин, албатта, дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири калон мерасонад. Дар айни замон рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ дар ҳалли масъалаҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба шуғл фаро гирифтани аҳолии деҳот ва афзоиши даромади онҳо, инчунин баланд бардоштани даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ ва рушд намудани минтақаҳои деҳоти кишвар накши муайян дорад. Автореферати диссерататсияи Одиназода Амин Иброҳим ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳои муҳим бахшида шудааст.

Дар автореферат қайд карда мешавад, ки барои фаъол гардонии рушди соҳибкории кишоварзӣ бояд заминаҳои меъёрию ҳуқукии фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода шаванд ва монеаҳои маъмурӣ бартараф гарданд. Инчунин механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд ва миёна мукаммал гардонида шуда, маблағгузориҳои имтиёзнок ва андозбандии содакардашуда барои субъектҳои хурди кишоварзӣ роҳандозӣ гарданд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаби рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ натиҷаҳои назаррасро соҳиб гаштааст ва роҳҳои самараноки ҳалли онҳо, аз ҷумла муҳиммияти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, инкишофи ҳамгироии агросаноатӣ ва танзими давлатии рушди соҳибкорӣ дар бахши аграриро илман асоснок намудааст.

Диссертант дар автореферати диссертатсия моҳияти иқтисодии соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ (саҳ. 9), принсипҳои асосӣ (расми 1., саҳ.10) ва таҷрибаи кишварҳои гуногуни ҷаҳонро дар ин самт, инчунин, ҳолати муосири рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат, тамоюли ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (ҷад.1.), динамикаи бақияи кредитҳои хурди ба рушди соҳибкории кишоварзӣ пешниҳодгардида (ҷад. 2), таносуби кредитдиҳии хурду калон ба рушди соҳибкории кишоварзӣ (диаг.1), сатҳи боздеҳии истифодаи заминҳои кишт (ҷад.3.), тамоюли ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва динамикаи сатҳи даромаднокиро дар доираи шаклҳои гуногуни фаъолияти

соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ (ҷадвалҳои 4-5) хеле хуб мавриди таҳқиқ қарор додааст ва дар алоҳидагӣ хулосаҳои ниҳоии худро баён намудааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия асонок намудааст, ки алҳол сарбории зиёди андозӣ ва пардохти дигар уҳдадориҳо боиси он гардидааст, ки аксар соҳибкорони кишоварзӣ ҳаҷми хароҷотро нисбат ба даромад зиёд нишон медиҳанд, ки ин ба манфиати кор нахоҳад буд. Дар атореферати тақризшаванда ҷиҳати ҳалли ин масъала аз ҷониби диссертант дурнамои андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ тибқи модели низоми регрессивӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки минбаъд дар амал татбиқи он ба манфиати кор мебошад (ҷадвали 6., саҳ. 22).

Дар баробари муваффақиятҳо агар дар диссертатсия хусусиятҳои фарққунандаи соҳибкории кишоварзӣ бо назардошти гуногуншаклии моликият дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ комилтар таҳқиқ мешуд, он гоҳ диссертатсия боз ҳам бой мегашт.

Вале ин камбудии зикргардида қимати баланди илмӣ ва амалии кори дисертатсиониро кам намекунад.

Диссертатсияи илмии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии ба анҷом расондаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии нави проблемаи таҳқиқшаванда аст. Вай ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқи талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Одиназода Амин Иброҳим барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

**Д.и.и., профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

28.08.2024

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3**
**Тел: 2340907, e-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК ва КГ ДТТ** **Раҳматулло Нусратулло**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО * ОТДЕЛ КАДРОВ